**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи “Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Яқубов Ю. (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Раҳимов Н. (аъзо) ва доктори илмҳои таърих Бобомуллоев С. (аъзо) рисолаи мазкуррро хонда, ба чунин хулоса омаданд:

Рисолаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи “Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти наву нодир буда, ҷавобгӯи талабот нисбат ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Аҳамияти мавзӯи рисолаи Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки он ба таҳқиқи ганҷинаи навёфтшуда ва то ҳол омӯхтанашуда бахшида шудааст. Ганҷинаи Кӯлоб 1405 сикка ва 104 сиккапорараро дар бар гирифта, калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна мебошад. Хондан ва шарҳ додани навиштаҷоти 1405 дирҳам, 104 дирҳампора ва муайян кардани мансубияти онҳо, хондани номи амирони сомонӣ, халифаҳо, ҳокимони маҳаллӣ, сол ва макони зарбкори хеле мушкил ва заҳматталаб мебошад. Унвонҷӯ аз ӯҳдаи ин кор ба хубӣ баромадааст. Феҳристи Ганҷинаи Кӯлоб, ки онро унвонҷӯ дар дараҷаи баланди ҳирфавӣ тартиб додааст, дастоварди муҳими илмӣ мебошад.

Рисола дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб, ки маълумоти гуногуни сиккашиносӣ ва таърихиро дар бар мегирад, навишта шудааст. Барои тақвияти маълумоти дар ин ганҷина ҷой дошта ва кушодани паҳлӯҳои нави мавзӯи таҳқиқ, унвонҷӯ аз сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ ва китобу мақолаҳои олимони муосир ба қадри зарурӣ истифода бурдааст.

Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар ин ганҷина аксарияти мутлақро дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд - 1371 дона ё 97,5 фоиз. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар арафаи зери замин пинҳон кардани ганҷина, яъне охири соли 316 ҳиҷрии қамарӣ дар муомилоти пулии Хатлон нақши асосиро дирҳамҳои сомонӣ мебозиданд.

Ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонӣ зиёд чоп шудаанд, аммо дар ягонтои онҳо гурӯҳбандии муфассали сиккаҳо иҷро карда нашудааст. Дар ин росто Ганҷинаи Кӯлоб ягона мебошад. Унвонҷӯ дар ин ганҷина 60 намуд ва 79 гузинаи дирҳамҳоро муайян намуда, шарҳ додааст. Гурӯҳбандӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки имкониятҳо ва навоварии илмии ганҷинаро дар баррасии масоили таърихӣ ва сиккашиносӣ ҳадди аксар истифода барад. Гурӯҳбандии пешниҳодшударо сиккашиносон метавонанд дар омӯзиши ганҷинаҳои дигар татбиқ кунанд ва ин дастоварди нави илмӣ аст, ки ба муаллифи рисола тааллуқ дорад.

Дар таҳқиқи зарробхонаҳо низ унвонҷӯ натиҷаҳои хуб ба даст овардааст. Муҳимтарин дастовард дар ин ҷода кашфи зарробхонаи Вахш мебошад, ки барои давраи Сомониён то ин вақт маълум набуд. Ҳатто баъзе сиккашиносон қайд карда буданд, ки дар замони Сомониён дар Вахш сикка зарб намезаданд. Акнун маълум шуд, ки чунин набудааст. Дар Тоҷикистон ҷойгир будани Вахш натанҳо боиси ифтихор аст, балки имконият медиҳад, ки паҳлӯҳои нави муомилоти пулӣ дар ин минтақа кушода ва таҳқиқ карда шаванд. Мавҷудияти ин зарробхона ва зарробхонаи Суғд, ки дирҳамҳояш хеле каманд, низ арзиши илмии рисоларо баланд мебардоранд. Дар ин бахш Шарифзода А.Қ. доир ба

зарробхонаҳои Маъдин, Хуттал ва Андароба низ маълумоти наву ҷолиб овардааст.

Нововарии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки Ганҷинаи Кӯлоб, ки аксарияти мутлақи онро (97,9 фоиз аз миқдори умумӣ) дирҳамҳои сомонӣ ташкил мекунанд ва он аз рӯи миқдор дар айни замон калонтарин ганҷинаи дирҳамҳои сомонӣ дар Осиёи Миёна ба ҳисоб рафта, доир ба сиккасозӣ ва муомилоти пулии замони Сомониён маълумоти навро ироа мекунад. Исбот карда мешавад, ки ин ганҷина аз ганҷинаҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки дар таркибаш аз ҳамаи ганҷинаҳои маълуми дунё шумораи зиёди дирҳамҳои зарби Хуттал (581 адад) мавҷуд аст. Ин дар ҳолест, ки дар ганҷинаҳои дигар дирҳамҳои сомонии Хуттал на бештар аз якчанд дона мебошанд. Дар навбати худ ин имконият медиҳад, ки бисёр паҳлӯҳои норавшан ва дақиқ омӯхтанашудаи сиккасозӣ ва муомилоти пулии Хатлони замони Сомониён комил омӯхта шавад. Ҳамзамон дар асоси дирҳамҳои Ганҷинаи Кӯлоб намояндагони нави сулолаи хутталии Баниҷуриён ошкор карда шуданд.

Шарифзода А.Қ. дар натиҷаи таҳқиқи Ганҷинаи Кӯлоб феҳристи комили ҳамаи дирҳамҳо ва дирҳампораҳои ҷамъоваришударо таҳия намудааст, ки ин таҳқиқи ӯ дар илми сиккашиносӣ, таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ ҳиссагузории бузург мебошад. Зеро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Миёна ин аввалин феҳристи дирҳамҳои сомонӣ мебошад.

Хизмати дигари муаллифи рисола дар он аст, ки ӯ тамоми ганҷинаҳои дирҳамҳои сомонии дар Аврупо ва Осиё ёфтшударо гирд оварда, то ҷое таҳлил намуда, моҳияти байналмилалӣ доштани сиккаҳои сомониро нишон медиҳад.

Дар рисола баъзе камбудиҳои хеле ҷузъӣ ба назар мерасанд. Аммо онҳо арзиши аслию илмии рисола ва истифодабарии амалии онро коҳиш намедиҳанд ва муаллифи он Шарифзода А.Қ. дар илми сиккашиносӣ ва таърихнигорӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Унвонҷӯ Шарифзода А.Қ. аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ба хубӣ баромадааст. Хулосаҳои муаллиф асоснок мебошанд.

Омӯзиши Ганҷинаи Кӯлоб кашфи муҳим дар сиккашиносии Сомониён мебошад. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

Мазмуни умдаи рисола дар чаҳор мақолаи унвонҷӯ, ки дар маҷаллаҳои илмие, ки ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вориданд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи "Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ", аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 –**Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** арзанда аст.

Комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи "Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ", ба ихтисоси 07.00.09 – **Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** мувофиқ аст.

Зимни ин вобаста ба мавзӯи зикршуда комиссияи экспертӣ ба чунин қарор омад:

**1.** Рисолаи номзадии унвонҷӯ Шарифзода Абдувалӣ Қурбоналӣ дар мавзӯи "Ганҷинаи дирҳамҳои сомонии Кӯлоб ҳамчун сарчашмаи таърихӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия дода шавад.

**2.** Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ба сифати муқарризони расмӣ доктори илмҳои таърих Мирбобоев Абдулло ва доктори илмҳои таърих Тиллоев Сангаҳмад пешниҳод карда мешавад.

3. Автореферати диссертатсияи Шарифзода А.Қ. чоп карда шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
Академики АИ ҶТ, д.и.т., профессор Яқубов Ю.Я.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих Раҳимов Н.

доктори илмҳои таърих Бобомуллоев С.

24.10.19.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи
Аҳмади Дониши АИ ҶТ Файзуллоева Г.

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСӢ
ШУЪБАИ КАДРҲО